# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 06 июли соли 2023, таҳти №41**

Барои сазовор донистани Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 –Фалсафаи иҷтимоӣ

Диссертатсия дар мавзӯи “**Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои аҳлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ**”, аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ, дар таърихи 20-уми апрели соли 2023, суратмаҷлиси №33 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022 таҳти №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна, соли таваллудаш 1988, соли 2005 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси “Муҳандис - иқтисодчӣ” хатм намудааст. Аз соли 2018 то ба ҳол ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва ҳамзамон ба ҳайси омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи донишгоҳи мазкур ба фаъолият оғоз намуд.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Раҳматов Убайдулло** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур:

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессор Зоҳидов О.Ҳ омода карда шуда, аз ҷониби мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии донишгоҳи мазкур, номзади илмҳои таърих Пӯлотова М.А. ба имзо расида, аз тарафи ректори ҳамин донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Муъмин Машокир тасдиқ шудааст, қайд карда мешавад, ки диссертатсияи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна дар мавзуи "Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои аҳлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ" ба бандҳои 10-16-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқат карда, муаллифи он Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 –фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 –фалсафаи иҷтимоӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна алоқамандии зич доранд.

Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна оид ба мавзуи диссертатсия 4 маводи илмӣ таҳия намудааст, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. **Маҳмадизода Н.Д, Исомадинова Ф. М.** Ахлоқи иттилоотӣ ва нақши он дар таъмини амнияти иттилоотӣ. // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. №4. - С. 46–54.
2. **Исомадинова Ф. М.** Масъалаи моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир. // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. №4. – С. 112–117.
3. **Исомадинова Ф. М.** Тавзеҳ ва таснифи мазмун ва моҳияти

ҷомеаи иттилоотӣ дар консепсияҳои муосири илмӣ. // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе, 2022. №2. - С 180–188.

4. **Исомадинова Ф. М.** Феномен информационной этики: историко-социальные предпосылки ее возникновения и становления. // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. №3. – С 14–19.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

**Тураев Ф.Р** - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ;

**Ҷонназарова Д.Х** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Ғуломова М.С** – номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Саидзода Д.М** – доктори PhD, доктор аз руйи ихтисоси фалсафа, муаллими калони кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридшуда мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои чузъӣ ва хусусияти тавсиявидошта пешниҳод карда шудааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамоянд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

***коркард карда шуд, ки*** мушкилоти ахлоқӣ ба масъалаҳои махфияти иттилоотӣ, назорати фаъолияти корбарон, моликият, амният, дастрасӣ, масъулияти ахлоқию касбии шахс ва ғайра дахл дорад. Мушкилоти ахлоқӣ на танҳо дар он ифода меёбад, ки василаҳои нави асоснок кардани ҳуқуқро ба шакли нави моликият дарёбад, балки дар таҳлили масъалаҳое низ ифода меёбад, ки ба одилона будани қонунҳои моликияти зеҳнӣ ва ё усулҳои нави маърифати қонунҳо дар бораи моликияти зеҳнӣ ишора мекунад ва дар асоси онҳо бояд ҷомеаи ҷаҳонии корбарони шабакаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ барпо гарданд;

- ***пешниҳод шудааст, ки*** технологияҳои иттилоотӣ ба ҳаёти ҷомеаҳо, оилаҳо, муносибатҳои одамон, маориф, озодӣ, низоми демократии ҳокимиятдорӣ ва ғайра таъсир (ҳам ба маънои хуб ва ҳам бад) мерасонад, ки дар натиҷаи рушди муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ тадриҷан ахлоқи технологӣ-иттилоотӣ ташаккул ёфт;

- *исбот шудааст,* ки дар доираи фазои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон фалсафаи ахлоқи иттилотӣ-компютерӣ ба таври муназзам ва мушаххас мавриди таҳлил қарор мегирад, ки дар раванди он заминаҳои назариявӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ахлоқи иттилоотӣ муқаррар гардиданд;

- ***ҷорӣ намудани*** таҳлили фалсафӣ-методологии консепсияи инсон дар муҳити иттилоотии ҷомеаи Тоҷикистон ва муайян намудани аҳамияти он барои пешрафти ин ҷомеа зарур мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки омӯзиши масъалаҳое, ки дар диссертатсия матраҳ шудаанд, барои ташаккул ёфтани маърифат ва идроки арзишҳои ҷомеаи умумиҷаҳонӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат мекунад. Таҳлили консептуалии ҷанбаҳои ахлоқии истифодаи бехатар аз технологияҳои иттилоотӣ метавон ҳангоми таҳияи барномаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи амнияти технологияи иттилоотӣ ва ахлоқи иттилоотӣ метавон ***истифода бурд;***

***баён шудани*** он, ки аҳамияти ахлоқи иттилоотӣ барои боздошти таъсири манфии истифода аз технологияи иттилоотӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои дар низоми иттилоотӣ тавлидшуда асоснок карда мешавад;

***ошкор гардидани он,*** ки пайдоиши ҷомеаи иттилоотӣ ва тамоюлгириҳои он дар Тоҷикистон дар маводи зиёд ва арзишманд инъикос ёфта, вобаста ба таҳаввулот ва дигаргуниҳои рухдода ба муҳити нави иҷтимоӣ, ки муҷаҳҳаз бо воситаҳои техникӣ ва фазои иттилоотӣ аст, мутобиқ менамоянд;

***омӯхта шудаст,*** ки нахустин маротиба консепсияи фалсафӣ-иҷтимоии таҳаввулоти робитаҳо ва муносибатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар давлат ва ҷомеаи Тоҷиксchallenge ва таъсири он ба ахлоқи шаҳрвандони он, ки бар пояи он таҳаввулоти арзишҳои инсонӣ дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон сурат мегиранд, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** дақиқ будани маълумоти истифодашудаи муаллиф ва ҳаҷми мутаносиби маводи илмӣ-таҳқиқотии диссертатсия, инчунин коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти илмии унвонҷӯ, бармеоянд. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод мешаванд.;

***муайян карда шудааст***, ки амнияти иттилоотии шахс ҳамчун шаҳрванди он аз нуқтаи назари башардӯстона баррасӣ шуда, барои фаҳмиш, таҳқиқ ва таъмини ин башардӯстӣ зарур аст, ки мувозинати манфиатҳои иттилоотии шахс, аз як тараф ва манфиатҳои иттилоотии

давлат ва ҷомеа, аз тарафи дигар, ба мувофиқат ва мувозинат оварда шаванд;

*муаррифӣ карда шуд*, ки андешаҳо ва хулосаҳое, ки дар кори таҳқиқотӣ вуҷуд доранд, барои таҳқиқоти минбаъдаи ин масъала дар фалсафаи иҷтимоӣ замина мегузоранд. Маводи диссертатсияро дар курсҳои лексионии фалсафаи иҷтимоӣ, ахлоқ, фалсафаи илм ва техника, информатикаи иҷтимоӣ, консепсияҳои табиатшиносии муосир, инчунин дар курсҳо оид ба фалсафаи бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа истифода бурдан мумкин аст;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** иштироки бевосита дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва таҳлилу тафсири маълумотҳои бадастомада, таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос мёебад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи диссертант маҳсуб мешаванд.

Ҷаласаи шурои диссертатсионӣ 06 июли соли 2023 оид ба сазовор донистани Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 5 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шӯро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ
доктори илмҳои фалсафа, профессор Ахмедов С.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ
доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

06.07.2023 с.